**Татбиқи Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2013-2020 дар соли 2017**

Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2013-2020, ки бо Қарори Ҳукумати ҶТ аз 3 декабри соли 2012 қабул гардидааст, фарогири таълими соҳаи ҳуқуқи инсон дар низоми маориф, курсҳои омӯзишӣ ва бозомӯзии муаллимон, судяҳо, хизматчиёни давлатии шаҳрвандӣ, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва хизматчиёни ҳарбии ҳамаи сатҳҳо буда, айни замон марҳилаи дуюми он (солҳои 2015-2018) амалӣ шуда истодааст.

Дар доираи иҷрои марҳилаи дуюми Барномаи мазкур аз ҷониби Шӯрои ҳамоҳангсози байниидоравӣ барои омӯзиши фанни «Ҳуқуқи инсон» 17 барномаҳои мақсаднок таҳия гардида, дар вазорату идораҳо мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Дар соли 2017 аз ҷониби ВҲИ як қатор корҳо анҷом дода шуданд. Аз ҷумла, «Маҷмӯи маводҳо барои дарсҳои ҳуқуқи инсон» барои синфҳои 10 ва 11 ба забони давлатӣ тарҷума ва ба чоп омода карда шуд.

Дар заминаи «Мактаби ҳуқуқи инсон» рӯзҳои 18-22 декабри соли 2017 барои 18 нафар кормандони вазорату идораҳои дахлдор бо иштироки коршиносони милливу байналмилалӣ тренинги омӯзишии якҷояи ВҲИ ва Дафтари барномаҳои САҲА дар Тоҷикистон ташкил ва гузаронида шуданд. Ҳадафи асосии тренинг омода намудани тренерон барои муассисаҳои таълимӣ ва такмили ихтисоси вазорату идораҳои дахлдор ҷиҳати минбаъд аз ҷониби онҳо гузаронидани тренингҳои мақсаднок мебошад.